Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди
Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ, 44.
E-mail: boboev.komil@list.ru Тел.: 911-00-48-84

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қодирзода Фарҳод Анвар дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтиеоси 08.00.13 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ пешниҳод шудааст.**

## Мубрамият ва зарурати гузаронидани таҳқиқот

Дар ҷараёни татбиқи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 Ҳукумати кишвар як қаторислоҳотро дар самти тақвият бахшидани муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ, мутобиқ намудани фазои сармоягузорию соҳибкорӣ ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ, шомил гардидани ҷумҳурӣ ба узвияти Созмони умумиҷаҳонии савдо оид ба тайъиди легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ, хусусигардонии моликияти давлатӣ, таъмини дастрасӣ ба воситаҳои молиявӣ, инфрасохтори рушди соҳибкорӣ, роҳандозии стандартҳои байналмилалии сифат ва бехатарии маҳсулот ва муосиргардонии хизматрасониҳои давлатӣ ба соҳибкорону сармоягузорон корҳои мушаххас анҷом дод.

Ислоҳоти гузаронидашуда ба афзоиши мунтазами шумораи субъектҳои соҳибкории хурду миёна аз 206,5 ҳазор адади соли 2015 ба 328 ҳазор адад дар соли 2021 мусоидат намуда, дар натиҷаи он имрӯз ҳиссаи бахши хусусӣ дар ММД 70 фоиз, дар таъмини шугли аҳолӣ 68 фоиз ва даромадҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ 80 фоизро ташкил медиҳад. Дар баробари натиҷаҳои бадастовардашуда дар самти таъмини шароити баробари рақобат барои соҳибкории хусусӣ ва муҳити мусоиди сармоягузорӣ ҳоло ҳам масъалаҳои ҳалношуда вуҷуд доранд.

Ҳадафи дарозмуддати мамлакат дар соҳаи фазои сармоягузорӣ баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва ҷолибияти сармоягузории кишвар тавассути татбиқи як қатор тадбирҳои зерин мебошад, ки барои ба даст овардани як қатор нишондиҳандаҳои нақшавӣ ва беҳтар шудани мавқеи кишвар то мақоми 50-ум дар арзёбии байналмилалии ҳисоботи Бонки ҷаҳонӣ «Пешбурди соҳибкорӣ» замина мегузорад: баланд бардоштани

иқтидори сармоягузорӣ ва кам кардани хавфҳои сармоягузорӣ тавассути коҳиш додани хароҷоти пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ; зиёд намудани ҳаҷми сармоягузориҳо ба бахши воқеӣ ва инфрасохтор то 25 фоиз- такмили заминаи институтсионалии рушди муҳити соҳибкорӣ тавассути афзоиши кафолатҳо.

Вазифаҳое, ки ҳукумати мамлакат барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда ва ноил шудан ба ташакули таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ то соли 2025 масъалагузорӣ шудааст, ки роҳандозии тадбирҳои нав ҷиҳати баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ, афзоиш додани ҳаҷми сармоягузорӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт ва рушди инфрасохтори дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, рушди низоми кафолатҳо ва имтиёзҳои давлатӣ ҷиҳати беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ дар сатҳи миллӣ таъмин мегарданд.

Ба ақидаи диссертант тадбирҳои асосӣ (самтҳои фаъолият) барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва ҳалли вазифаҳои гузошташуда масъалаҳои зерин мебошанд: такмили қонунгузории танзими фаъолияти сармоягузорӣ ҷиҳати таъмини механизмҳои нисбатан самараноки идоракунии корпоративӣ; таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи номгӯи хизматрасониҳои давлатӣ дар соҳаи сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, дастурамалҳо ва стандартҳои роҳандозии онҳо; таҳияи портфелҳои сармоягузорӣ барои соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт, аз ҷумла, туризм ва саноати сабук; ифтитоҳи маркази ягонаи хизматрасонии давлатӣ барои сармоягузорон ва соҳибкорон; ташкил намудани феҳристи сармоягузорони амалкунанда аз рӯи тақсимоти соҳавӣ, кишвар, ҳаҷми маблаг, ҳавасмандии сармоягузории такрорӣ, минтақаи татбиқшавии лоиҳа ва дигар маълумот, ҷиҳати ҷорӣ намудани низоми кор бо сармоягузорони калидӣ; таҳия намудани механизми сармоягузории мақсаднок (targeted investment) бо такя ба беҳсозии симои кишвар, ҳалли масъалаҳои ҷории хусусияти маҳаллидошта, таҳкими тарафҳои қавии мамлакат мебошад.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи мазкур ба соҳаи таҳқиқот ба Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи самти 08.00.13 «Иқтисодиёти ҷаҳонӣ», аз ҷумла: б.28 Роҳҳо ва шаклҳои ҳамгироии Тоҷикистон ба низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ. Вижагиҳои фаъолияти иқтисодии берунӣ дар сатҳи корхонаҳо, соҳаҳо ва минтақаҳо; б.27 Амнияти иқтисодии байналмилалӣ ва миллӣ; б.27 Асосҳои назариявӣ ва методологии таъмини амнияти беруниикстисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

б.25 Иқтисодиёти миллии мамлакатҳои алоҳида дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ: масъалаҳои муносибгардонии ҳамкориҳои мутақобил ва таъмини манфиатҳои иқтисодии миллӣ. Тазодҳои байналхалқии иқтисодӣ, сабабҳо ва тарзҳои ҳалли онҳо; б. 24 Фаъолияти байналмилалии бонкҳо, ширкатҳои сармоягузорӣ ва суғуртавӣ, фондҳои нафақавӣ ва дигар ниҳодҳои молиявӣ мутобиқ мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Натиҷаҳои назарраси диссертатсия, ки навгонии илмии таҳқиқотро муайян мекунанд, чунинанд.

- самтҳои асосии назариявӣ оиди ташаккули институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар мамлакат (рақобати байнидавлатӣ дар бозори ҷаҳонии ҳаракати сармояҳо, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ воситаҳои ҷалби сармоя, истифодаи имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва гайра) пешниҳод гардидаанд.

- назари методологии муаллиф оиди пешгирии хавфҳои глобалии сармоягузорӣ дар мамлакат дар асоси принсипҳои минтақаи таъсиррасонӣ, давомнокӣ ва миқёсӣ, таъсири онҳо, сабабҳои пайдоиш, пешгӯии натиҷаҳо ва сатҳи эҳтимолияти таъсири онҳо дар шароити навини робитаҳои ҷаҳонӣ асоснок шудаанд.

- гурӯҳбандии нишондиҳандаҳои интегралии амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикитон дар шароити глобализатсияи иқтисодиёти ҷаҳонӣ бо назардошти хусусиятҳои нисбатан пасти амнияти сармоягузории мамлакат муайян гардидааст.

- дар асоси омӯзиши низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ дар давраи навин, муаллиф дар асоси истифодаи усулҳои риёзӣ (таҳлили регрессионӣ-коррелятсионӣ) таъсири ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷиро ба ММД мамлакат, ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ, ки шохиси коррупсия, озодии иқтисодиро тавсиф мекунанд, нишон додааст.

- дар асоси омӯзиши хусусиятҳои минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (иқтисодиёти кушод, маҳдудиятҳои геоиқтисодӣ, бумбасти ҳудудию коммуникатсионӣ ва ғайра), фарқи байни институтҳои дорои хусусияти нуқтавӣ (точечный) ва минтақавии сармоягузории хориҷӣ ва таъсири эҳтимолии онҳоро ба мамлакат пешниҳод намудааст.

- муодилаи тамоюл (тренд) барои пешгӯии ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ба корхонаҳои муштарак дар мамлакат ва ҳаҷми содироти корхонаҳои муштарак барои асоснок намудани таҳкими иқтидори эконометрикӣ ҳисоб карда шудааст.

- муаллиф механизми ташкилию иқтисодии ҳимояи сармоягузориро дар асоси омӯзиши фаъолияти ширкатҳои фаромилалӣ бо назардошти усулҳои идоракунии иқтисодӣ, шаклҳои ташкилии мусоидат ба сармоягузорон, рушди инфрасохтори сармоягузорӣ, чораҳои ҳифзи сармоягузорӣ муайян намудааст.

- дар асоси истифодаи моделҳои таҳлили регрессионӣ-коррелятсионӣ ҷалби сармоя ба соҳаҳои саноат, сохтмон, нақлиёт ва алоқа ба бузургии шохиси интегралии рушди устувори иқтисодиёти мамлакат бо назардошти ҳифзи сармоягузорон пешниҳод гардидааст.

- омилҳои таъмини амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, *беруна* (равандҳои ҷаҳонишавӣ, рушди нобаробари иқтисодии кишварҳо) ва омилҳои *дохила* (сатҳи баланди коррупсия, сарбории баланди андоз, сатҳи пасти озодии иқтисодӣ ва идоракунии давлатӣ, самаранокии нокифояи низоми бонкӣ дар кишвар) бо назорати паст намудани хавфи фаъолияти сармоягузорӣ муайн гардидаанд.

Диссертант ба ҳимоя муқаррароти зерини илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқотро пешниҳод намудааст:

- асосҳои назариявии рақобати байнидавлатӣ дар бозори ҷаҳонии ҳаракати сармояҳо, пеш аз ҳама, ҷанбаҳои институтсионалӣ ва геосиёсии ҷаҳонӣ (ИМА, ИА, Чин, Россия) бо кишварҳои Осиё, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дар асоси омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ, самтҳои афзалиятноки дастгирии давлатии фаъолияти сармоягузорӣ бо назардошти хавфҳои глобалии сармоягузорӣ тасниф карда шудааст;

- тақсимот (дезагрегатсия) - и нишондодҳои интегралии амнияти сармоягузории мамлакат дар шароити глобализатсия бо назардошти мавҷудияти хавфҳои маъмурӣ, иқтисодӣ ва асъорӣ пешниҳод шудааст;

- таъсири ҳаҷми сармояҳои мустақими хориҷӣ ба ҳаҷми ММД – и мамлакат, пасандозҳои аҳолӣ, ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ, шохиси коррупсия, ки озодии иқтисодиро тавсиф мекунанд, инчунин, дар асоси модели регрессионӣ-коррелятсионӣ таъсири ҳаҷми сармоягузории мустақим асоснок шудааст;

- маҳдудиятҳои геоиқтисодӣ вобаста ба бумбасти ҳудудӣ ва коммуникатсионии мамлакат таҳлил шуда, шакли минтақаҳои озоди иқтисодӣ пешниҳод гардидаанд;

- моделҳои тамоюл (тренд) барои пешгӯи ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ба корхонаҳои муштарак дар асоси модели эконометрикӣ ҳисоб карда шудааст;

- дурнамои ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ ба корхонаҳои муштараки мамлакат ва ҳаҷми содироти корхонаҳои муштарак дар давраи солҳои 2021-2022 бо назардошти ташкили механизми ташкилию иқтисодии ҳифзи сармоягузорон ҳисоб ва асоснок шудаанд;

- ҷалби сармоя ба саноат, сохтмон, нақлиёт ва алоқа бо назардошти рушди устувори мамлакат дар асоси истифодаи модели иқтисодию – риёзӣ таҳия карда шудааст;

- таъсири омилҳои беруна ва дохилӣ ба таъмини амнияти сармоягузорӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ асоснок шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи тадқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои тадқиқот ва интишорот тасдиқ гардидааст. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлилҳои илмии натиҷаҳои тадқиқоти илмиву таҷрибавӣ пешниҳод шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисоди ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳамияти назариявию таҷрибавии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки муқаррароти илмиву назариявӣ ва тавсияҳои дар кори диссертатсионӣ овардашуда метавонанд дар такмили равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ мусоидат намоянд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад дар татбиқи манфиатҳои иқтисодии кишвар ва рушди равандҳои ташаккули интитутсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намояд.

Таҳкими сиёсати ҷалби сармоягузорӣ, истифодаи таҷрибаи сармоягузорӣ, ҳамчун зерсистемаи институтсионалӣ бо назардошти воситаҳоо амалигардонии таъмини амнияти сармоягузорӣ дар шароити глобализатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хоҷагии ҷаҳонӣ пешниҳод шудаанд.

Тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда барои рушди муносибатҳои иқтисодии кишварҳои ҳамсоя, таҳкими рушди равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ, таъсиси иқлими институтсионалии самараноки сармоягузорӣ ва дар заминаи онҳо татбиқи манфиатҳои иқтисодии мамлакат ва таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ имкониятҳои ниҳоии заруриро таъмин менамояд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 29 корҳои илмӣ бо ҳаҷми умумии матни муаллифӣ 918 саҳ., аз ҷумла, 3 монография бо ҳаҷми 15.63 ҷ.ч. ва 22 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷмӯъ 60,26 ҷ.ч. нашр карда шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Муқаддима аз муҳимияти мавзӯъ, сатҳи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети омӯзиш, навгониҳои илмӣ, ки дар он аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои ҳосилшуда баён гардидаанд ба талаботи Комиссия мутобиқат мекунад.

**Мундариҷаи диссертатсия.**

Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, понздаҳ зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад. Дар муқаддима мубрамӣ ва зарурати гузаронидани таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи илмии мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзӯъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект, предмет, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, сарчашмаҳои асосии иттилоотӣ, саҳми шахсии довталаб, тавсия ва татбиқи натиҷаҳо, интишори натиҷаҳо, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия пешниҳод карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия **«Фазои сармоягузории ҷаҳонӣ ва масъалаҳои институтсионалии таъмини манфиатҳои миллии мамлакат”** асосҳои назариявӣ ва методологии фазои сармоягузории ҷаҳон ва масъалаҳои институтсионалӣ, таъмини манфиатҳои миллии мамлакат таҳқиқ карда шудаанд. Рақобати байнидавлатӣ дар бозори ҷаҳонӣ, ҳаракати сармояҳо, хусусиятҳо, институтҳо ва вазъи геосиёсии ҷаҳонро муаллифи таҳлил чунин қайд менамояд *“Дар шароити муосир категорияи «интернатсионаликунонии ҳаёти иқтисодӣ» торафт мураккабтар шуда, ҷои онро категорияи «глобализатсияи иқтисоди ҷаҳонӣ» иваз мекунад, ки асоси моддии пайдоиши он иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад, ки дар он равишҳои неолибералӣ бартарӣ доранд.*

Ба ақидаи диссертант *«Соҳаҳои биотехнология, истеҳсоли муҳаррикҳо, турбинаҳо ва ҷузъҳои электронӣ дар Осиёи Марказӣ дар сатҳи пасти рушд қарор доранд. Кӯшишҳои густурдаи ҳукуматҳои кишварҳои минтақа барои бунёди иқтисодиёти ба дониш асосёфта ва баланд бардоштани сифат ва дастрасии таҳсилоти олиро талаб мекунад, ки*

*метавонад рақобатпазирии Осиёи Марказиро дар ин бахшҳо ва ҷалби сармоя таъмин намояд».*

Дар боби дуюм **«Таҷрибаи байналмилалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ: муносибати институтсионалӣ»,** хусусиятҳои институтсионалии ҷалби сармояро таҳлил намуда, муаллиф қайд мекунад, ки *«Имконниятҳои калони сармоягузории Чин ба он имкон медиҳанд, ки ба иқтисоди минтақа ворид шуда, барои таъсири сиёсӣ замина муҳайё кунад. Ҳадафи дарозмуддати Чин тобеияти максималии иқтисодии давлатҳои Осиёи Миёна ва ба базаи ашёи хоми худ табдил додани онҳо мебошад.*

*Дар бораи вазъи геополитикии кишварҳои ҳамсоя сухан ронда, қайд намудан ба маврид аст, ки Россия яке аз шарикони асосии иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад.* Ҳаҷми сармоягузории мустақим, умумӣ ва портфелиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда диссертант қайд менамояд, *«дидан мумкин аст, ки бузургии ҳаҷми сармоягузориҳои портфелӣ дар Тоҷикистон сатҳи начандон баланд дорад, ки он ба набудани низоми боэътимоди ҳисоббаробаркуниҳои байнидавлатӣ, халалдоршавӣ дар кори биржаҳои фондӣ, набудани механизмҳои мувофиқи суғуртанамоӣ аз хавфҳои гуногуни сармоягузорӣ вобаста аст».*

Дар боби сеюм **«Бехатарии сармоягузорӣ ҳамчун зерсистемаи институтсионалии амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** хусусиятҳои ҳамгироии институтсионалии мамлакат ба равандҳои байналмилалӣ, амнияти сармоягузорӣ дар шароити ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонишавӣ, самараҳои манфӣ ва мусбат дар раванди сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва манфиатҳои миллии мамлакат баррасӣ шудаанд.

Самтҳои асосии ҷалби сармояро таҳлил намуда, диссертант чунин қайд менамояд: *«Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки сармоягузории хориҷӣ метавонад хусусияти мақсаднок (таъсиси корхонаи алоҳида ба монанди корхонаи муштарак КМ) ва минтақавӣ дошта бошад (таъсиси МОИ, ки норасоиҳои сармоягузории суроғавиро ҷуброн мекунад)».*

*Аммо дар маҷмуъ, самти асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҷалби сармояи хориҷӣ бояд беҳтар намудани фазои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.* Муаллиф қайд мекунад, ки *«Ҳукумати Тоҷикистон бо пуштибонӣ аз созмонҳои байналмилалӣ ислоҳоти робитаҳои берунииқтисодиро гузаронида истодааст, ки вай имкон дод, миқдори монеаҳоро дар роҳи рушди савдои хориҷӣ хеле коҳиш диҳад»*, тарафҳои мусбӣ ва манфии шомилшавии ҷумҳуриро ба Иттиҳоди иктисодии АвроОсиё таҳлил намуда, муаллиф чунин қайд мекунад: *«Ҳамин тариқ, паҳлӯҳои мусбӣ ва манфии шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Иттиҳоди АвруОсиёро баррасӣ намуда, қайд мекунем, ки дар сурати ба ин*

*иттидоҳия дохил шудани кишвар, имтиёзҳо ба савдо ва дигар муносибатҳои мутақобила бо кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё дахл хоҳад дошт, аммо хароҷот ҳангоми савдо ва муносибатҳои мутақобила бо дигар кишварҳое, ки аъзои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё нестанд, зоҳир мешаванд».*

Дар боби чорум **«Воситаҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузорӣ дар раванди ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хоҷагии ҷаҳонӣ»** диссертант масъалаҳои сармоягузории хориҷиро дар шароити маҳдуд будани имкониятҳои ниҳодҳои молиявӣ, зарурияти тавсеаи ниҳодҳои сармоягузории хориҷӣ дар шакли минтақавӣ ва низоми арзёбии самтҳои афзалиятноки сиёсати сармоягузорӣ ва ташкили механизми ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи фаъолияти сармоягузориро ба таврӣ возеъ таҳлил намудааст.

Ҷалби сармояҳои хориҷиро ба бонкҳои мамлакат таҳлил намуда, муаллиф чунин қайд менамояд: *«Камбудии дигари бахши бонкӣ дар Тоҷикистон капитализатсияи заиф аст, ки бинобар ин далел, бисёри бонкҳо наметавонанд дар қарздиҳии лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ ширкат кунанд. Яъне, низоми бонкӣ аз ӯҳдаи таъминоти сармоягузории талаботи иқтисодиёти миллӣ баромада наметавонад».*

Самтҳои асосии ҷалби сармояҳои хориҷиро таҳлил намуда, диссертант чунин қайд менамояд: *«Ҳамин тариқ, дар раванди арзёбии самтҳои афзалиятноки сиёсати сармоягузорӣ, аз ҷониби муаллиф, тағйироти сохторӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Тоҷикистон ҳисоб карда шуда, дар асоси он хулоса бароварда шуд, ки соҳаҳои саноат ва хизматрасонии молиявӣ бештар динамикӣ инкишоф меёбанд, каме сусттар, вале хеле самаранок, соҳаҳои кишоварзӣ, нақлиёт ва алоқа рушд кардаанд. Самараи пасти сармоягузориҳо дар тараққиёти сохтмон, савдо ва хӯроки умумӣ мушоҳида карда шуд».*

Дар боби панчум **«Диалектикаи омилҳои институтсионалии дохилӣ ва берунии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**, омилҳои институтсионалии дохилии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ ва баланд бардоштани имиҷи ҷолибияти сармоягузории мамлакат ва омилҳои институтсионалии берунии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ ва ҳимояи манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонишавӣ барраси шудаанд.

Муаллиф самтҳои мубрами рушди муҳити инвеститсиониро таҳлил намуда, чунин қайд менамояд: *«Ҳамин тариқ, натиҷаҳои моделсозии эконометрии аз ҷониби муаллиф ба дастовардашуда, нишон медиҳад, ки*

*омилҳои то ҳадди аксар васеъ фарогирандаи тамоми маҷмӯи институтҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, шохиси озодии иқтисодӣ ва шохиси заифии давлат мебошанд, ки дар амалияи ҷаҳонӣ васеъ истифода мешаванд, зеро онҳо маҷмӯи нишондиҳандаҳои дар алоқамандии мутақобилбудаи ба ҷанбаҳои гуногуни рушди институтсионалии кишвар дахлдоштаро дарбар мегиранд, ки имиҷи ҷолибияти сармоягузории кишварро муайян мекунад».*

Ҳамин тариқ, дар боби панҷум диалектикаи омилҳои институтсионалии дохилӣ ва хориҷиро таҳлил намуда, диссертант чунин қайд менамояд: *«Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқи омилҳои беруние, ки барои таъмини амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин боб гузаронида шуд, мо қайд мекунем, ки ба қатори онҳо худи падидаи ҷаҳонишавӣ шомил мешавад, ки рушди нобаробари иқтисодии кишварҳоро тақвият медиҳад ва дар он кишварҳои мутараққӣ дар мубориза барои захираҳои табиӣ ва доираи таъсир, ба кишварҳои донор бар ивази сармоягузориҳо шартҳои худро мегузоранд. Дар ҷалби сармояҳо низ вобастагӣ аз қарорҳои ташкилотҳои ҳамгироии байналмилалӣ, кӯшишҳои ширкатҳои фаромилалӣ барои ба даст овардани имтиёзҳои гуногун дар робита ба пешбурди фаъолияти сармоягузорӣ аҳамияти муҳим дорад».*

Дар хулоса натиҷаҳои асосии назариявӣ ва тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудааст.

**Камбудиҳои дар диссертатсия ҷойдошта**

1. Зимни таҳқиқ асосҳои назариявӣ ва методологии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои асосии он дар сатҳи зарури баррасӣ шудаанд. Диссертатсия хеле бурд мекард, ки дар он ҳавфҳо ва тахдидҳои сармоягузорӣ, шохисҳои институтсионалии амнияти сармоягузории хориҷӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ пурратар баррасӣ мешуданд.

2. Дар боби дуюм «Таҷрибаи байналмилалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ: муносибати институтсионалӣ» танзими фаъолияти сармоягузорӣ дар кишварҳои мутарракии саноатӣ, хусусиятҳои танзими фаъолияти сармоягузорӣ таҳлил шуда бошанд ҳам, хуб мешуд, ки дар боб масъалаҳои таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ асосан ташаккули фазои институтсионалии ҷалби сармояи хориҷӣ пурратар таҳлил мешуд.

3. Дар боби чорум «Воситаҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузорӣ дар раванди ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хоҷагии ҷаҳонӣ» воситаҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузорӣ дар раванди ҳамгироии ҷаҳонӣ таҳлил шудаанд. Аммо арзёбии самтҳои афзалиятноки сиёсати сармоягузорӣ ба таври кофи баррасӣ нашудааст.

4. Дар боби панҷум омилҳои институтсионалии дохилӣ ва берунии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра баррасӣ шудаанд. Хуб мешуд, ки дар диссертатсия фазои дохилии институтсионалии таъмини амнияти ҷалби сармояи хориҷӣ ба мамлакат пурратар мешуд.

5. Дар диссертатсия агар муаллиф масъалаи ташаккули ҷалби сармояи хориҷӣ ва таъмини амнияти сармоягузориро пурратар таҳқиқ менамуд, сифати таҳқиқоти анҷомдодашуда пурратар мегардид.

6. Дар диссертатсия камбудиҳои хусусияти имлоӣ ва техникидошта ба чашм мерасанд.

Мулоҳизаҳои дар боло зикршуда тавсиявӣ буда, сатҳи илмии диссертатсияро паст кардан наметавонад. Умуман, кори диссертатсионии Қодирзода Фарҳод Анвар анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба мақсадҳои дар пешгузошташуда ноил гаштааст. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои илмии аз тарафи муаллиф чопшуда, мазмун ва мӯҳтавои кори диссертатсиониро ба пуррагӣ инъикос менамоянд.

Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор

Тадқиқоти диссертатсионии Қодирзода Фарҳод Анвар дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ пешниҳод шудааст, тадқиқоти комилан анҷомёфта, дорои навгониҳои пурраи илмӣ ба ҳисоб рафта, муаллифи он барои гирифтани унвони илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Вакили Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
д.и.и., профессор Қудратов Р.Р.

Суроға: 734000, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42,
Имзои Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.и., профессор Қудратов Р.Р.- ро тасдиқ менамоям:

Мудири шуъбаи кадрҳо Сафарзода Ф.С.

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС